# ТАҚРИЗ

ба автореферати Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Таҳсилот қисми муҳимми низоми таъминоти иҷтимоист, ки ба некуаҳволии фард ва пешрафти ҷомеа дар асоси дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад.

Фаъолнокии маърифатӣ ҳангоми ташкили дурусти фаъолияти педагогии хонандагон ва амали бонизому ҳадафмандонаи тарбиявӣ метавонад ба ташаккули хислати устувори шахсияти мактаббача мусоидат намуда, ба рушди ӯ таъсири назаррас расонад.

Рушди тафаккур таъсироти мутаҳаррики (динамикӣ) равандҳои когнитивӣ, мисли тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва ҷодкориро пешбинӣ менамояд. Рушди нокифояи тафаккур, алалхусус, тафаккури интиқодӣ, метавонад қобилияти инсонро барои қабули қарорҳои асоснок, самаранок баҳо додани иттилоот ва эҷодкорона ҳал кардани муаммоҳо маҳдуд намояд. Имрӯз таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фазои таҳсилоти муосир ба раванди омӯзиш ва банақшагирии тарзу усулу технологияҳои муосир ва василаҳои рушди қобилияти зеҳнӣ, тафаккури интиқодии хонандагон аҳаммияти махсус зоҳир менамояд.

Мазмун ва мундариҷаи рисолаи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқ мебошад.

Рисолаи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна аз муқаддима, ду боб бо фаслҳо, хулосаи асосӣ, феҳристи адабиёт феҳристи интишороти илмӣ ва замимаҳои довталаби дарёфти дараҷаи илмии унвонҷӯ иборат аст. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, назариявии таҳқиқот, марҳалаҳо методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявию ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда қайд шудаанд.

Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон», моҳият ва мундариҷаи масъалаҳои методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон таҳлилу муҳокима карда шудааст.

Дар боби дуюм «Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим» ба баррасии шароитҳои педагогие, ки фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар рушди тафаккури интиқодии онҳо

бахшида шудааст.

Унвонҷӯ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна масъалаҳои истифодаи шароитҳои педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро ҳамчун методи муҳими рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон, роҳ ва воситаҳои самараноки педагогии рушди фаъолнокии тафаккури интиқодӣ дар равандҳои педагогӣ, ташкилу таҳлили натиҷаҳои таълимоти озмоишӣ ва самаранокии онро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, бо мақсади муайян намудани роҳу воситаҳои самаранокии технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ корҳои таҷрибавӣ – озмоиширо гузаронида, ки дар 18 ҷадвал, 13 расм, 5 диаграмма ва 4 амсилаҳо баргузор ва натиҷагирӣ намудааст.

Дар асоси таҳкикоти гузаронидашуда унвонҷӯ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна чунин навгониҳои илмии таҳкикотро муайян намудааст:

1. Асосҳои илмию назариявии технологияи таълими тафаккури интиқодӣ, ташаккули шахсият, фаъолнокӣ, муносибати пайдарпай, ки дар рушди шахсият, шавқи маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меояд, ошкор гардид.
2. Шароити аз лиҳози педагогӣ муҳимму асоснок барои мусоидат ба рушди тафаккури ба интиқод мувофиқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо такя ба технологияҳои таълими ба даъватҳои муосир ҷавобгӯ баён гардида, хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва ғайриинтиқодӣ, фарқи байни онҳо муайян карда шуданд.
3. Дар заминаи истифодаи ин технология дар раванди таълими фанни забони модарӣ системаи ягонаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва мафҳуми «тафаккури интиқодӣ» муайян карда шудааст.
4. Исбот гардидааст, ки рушди тафаккури интиқодӣ дар натиҷаи муаммогузорӣ ва равшан намудани масъалаҳои ҳалталаб оғоз мешавад.
5. Муайян гардид, ки методикаи рушди тафаккури интиқодии хонандагон на танҳо қобилияти таҳлили иттилоотро инкишоф медиҳад, балки қобилияти дарки худи ин иттилоотро беҳтар мекунад.

Ба таври умум, унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои самараноки татбиқи шароитҳои педагогии ташаккули тафаккури интиқодӣ ҳамчун омили муҳими рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоиро ба таври амиқ таҳқиқ намояд ва хулосаҳои қолиби диққатро коркард намояд.

Дар қисмати ҷамъбастии рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии ташаккул ва рушди шароитҳои педагогии ташаккули тафаккури интиқодиро ҳамчун омили муҳими инкишофи қобилияти зеҳнии шахсияти хонандагон, усули дарёфт ва татбиқи технологияи навини

таълиму тарбия ва воситаҳои пешқадами амалигардонии ин раванд ироа гардидаанд.

Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар истифодаи шароитҳои педагогии ташаккули тафаккури интиқодӣ аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдодааш нишон диҳад ки он метавонад дар баланд бардоштани фаъолнокии тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ саҳми арзишманд гузорад.

Рисолаи Ҷӯраева М.У. ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи адабиётҳои равоншиносӣ, педагогӣ, инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва омода гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз ҷониби унвонҷӯ оид ба ҷамъбаст, хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ ва методӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Дар умум, унвонҷӯ Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснoканд ва мундариҷаи рисола мутобиқи назари: илмӣ- мантиқӣ шакл гирифтаанд, ки ин аз соҳиби қобилияти хуби маърифатӣ доштани муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Дар кори тадқиқотӣ маводи зиёде оварда шудааст. Дар баробари он усули дар амал истифода бурдани чунин машқҳо, тафсири машқу усули истифодабарии онҳо; ба хусусиятҳои синнусолии бачагони хурдсол мувофиқат намудани он, ба принсипҳои педагогӣ ҷавобгузорӣ карда тавонистани машқу супоришҳо, ҷавобгӯи талаби давру замон будан тавсиф дода шудаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз тарафи унвонҷӯ 25 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардидаанд, ки 6 -тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардидаанд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Дар рисолаи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки таҷдиди назарро талаб мекунанд ваислоҳи он барои боз ҳам ғанӣ гардидани мазмуни рисола мусоидат менамояд:

1. Интишороти муаллиф ифодагари нуктаҳои муҳим ва асосии тадқиқоти илмӣ мебошад.

2 Ҳарчанд автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ мебошад, дар он хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Камбудиҳои зикршуда ҳеч гоҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад.

Бо баробари ин, норасоиҳои зикршуда агар ислоҳ шавад, фикр мекунам арзишу сифати таҳқиқотро кам намекунанд, баракс як навоварӣ дар ҷодаи илми педагогикаи тоҷик пайдо мекунад.

Дар хулоса, қайд кардан лозим аст, ки рисолаи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботҳои “Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои соҳиб гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-026 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тавсия дода мешавад.

Муқариз: Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Шомуродзода Ҳасанҷони Рузибобо
20.10.2025.

Имзои профессор Ҳ.Шомуродзодаро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус н.и.ф. Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Нишонӣ:734003, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев, 17/6